Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мазуи “Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти Деҳқонов С. А. дар мавзуи “Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)” иҷро шудааст, ки он масъалаҳои танзим ва дастгирии давлатӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди саноат ва таъмини буҷетҳои ноҳияҳои минтақа бо даромадҳои худиро инъикос мекунад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ кушиш намудааст, ки танзим ва дастгирии давлатиро ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намуда методҳои татбиқи рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаро пешниҳод намудааст. Дар автореферат таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шуда дар шакли ҷадвал ва диаграмма пешниҳод гардидаанд, ки оид ба шумораи корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли онҳо, нишондиҳандаҳои ҳудуду аҳолӣ, ҳосили зироатҳои кишоварзӣ, шумораи умумии чорво, парранда, оилаҳои занбури асал ва ҳаҷми истеҳсоли онҳо, соҳаи маориф, буҷет ва ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ва ғайра оварда шудаанд, соҳаҳои номбурда барои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа муосидат менамоянд.

Аз рӯи автореферат ба назар мерасад, ки муаллиф ҷанбаҳои зиёд ва масоили вобаста ба танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаро мавриди омӯзиши амиқ ва дақиқ қарор додааст.

Ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати Деҳқонов С.А. зиёд ба назар мерасад. Яке аз чунин ҷиҳатҳо ин шарҳи мафҳуми иқтисодиёти минтақавӣ аз назари муаллиф мебошад, ки чунин мегуяд, иқтисодиёти минтақавӣ низоми ташаккулёфтаи иқтисодию иҷтимоии ҳудуди муайян буда, омӯзиш ва коркарди ашёҳои хом ва захираҳои табиии маҳаллиро дар мавкеи ҷойгиршавиашон бо алоқамандии иқтисодии минтақаҳои кишвар дар бар

мегирад(саҳ.10). Назари муаллиф воқеан оиди иқтисодиёти минтақавӣ қобили қабул аст.

Ҳамчунин дар автореферат кори шоистаи дигар он аст, ки дар ҷадвалӣ 2. нишондиҳандаҳои ҳудуд, масоҳати заминҳои кишоварзӣ ва шумораи аҳолии минтақаи Рашт оварда шуда, саҳми минтақаро дар ҳудуди НТҶ ва кишвар пурра таҳлилу барраси намуда нишон додааст.

Аз автореферат бармеояд, ки муаллиф соҳаи иҷтимоиро низ мавриди таҳлилу барраси қарор дода қайд менамояд, ки омили дигари рушди минтақа ин соҳаи иҷтимоии он мебошад, ки пайваста дар мадди назари Ҳукумати кишвар қарор дошта, дар солҳои охир дастгириҳои нав ба нав роҳандозӣ карда мешаванд, аз ҷумла дар соли 2024 музди меҳнат 40%, идрорпулӣ 40% ва нафақа 30% зиёд карда мешаванд. Зеро ҳавасмандгардонӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ заминаи рушди дигар соҳаҳо ба ҳисоб рафта, то қадри имкон дар таъмини талаботи иҷтимоии аҳолӣ саҳмгузор мебошад(саҳ. 18).

Дар умум, ба муаллиф муяссар шудааст, ки танзиму дастгирии давлатиро ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа исбот намояд, вале нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ дар ноҳияҳои минтақаи Рашт нокифоя баррасӣ шудаанд ва шумораю вазъи нафақагирони минтақа низ кам таҳлил шудаанд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд шуд, моҳияти назариявӣ ва амалии автореферати диссертатсияро кам намекунад ва дорои характерӣ тавсиявӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Деҳқонов С. А. дар мазуи “Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)”, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в. дотсент, мудири кафедраи
иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон **Шарифзода Ш.Р.**

Имзои **Шарифзода Ш.Р.-ро** тасдиқ мекунам:

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ **Бухориев Н.А.**

**Суроға:** 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3, **Тел:** (+992) 904-32-00-06. **E-mail:** sharipov.sharif@gmail.com